**ПРОТОКОЛИ №9**

мачлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

1 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РУЗНОМА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Сухроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.филол. Солеҳов Н.Н. ва узви комиссия Ғоибова Ф.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Сухроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Сухроби Мирзоалӣ дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи **Сухроби Мирзоалӣ** дар мавзуи «Журналистикаи байналхалқии тоҷик: махсусият, равандҳо ва дурнамо» барои дарёфти

дарачаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 6.2.23. Рузноманигории байналмилалӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Муллоев Шариф Бокиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи медиакоммуникатсияи факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Точикистон»;

– **Саидмурод Хочазод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони точикии Донишгоҳи омузгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Хасанова Тахмина Гаюровна** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Точикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Точикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумҳурии Точикистон ичозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда ичозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 7-уми октябри соли 2026, соати 13 [00] муқаррар карда шавад.

**Натичаи овоздиҳӣ:** чонибдор – 9, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Зоириён Б.Ш.